# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи "Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқи муқоисавии забонҳои гуногунсохтор таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанию хориҷиро ҷалб намуда, солҳои охир ба ин масъала диққати махсус зоҳир гашта истодааст, вале бо вуҷуди ин, баъзе паҳлуҳои луғавию дастурии забонҳо матраҳ нагардидаанд.

Диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **"Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ба пажуҳиши хусусиятҳои категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст, ки дар заминаи маводди фаровони илмию осори бадеӣ таҳқиқ шудааст.

Мақсади диссертатсия пажуҳиши категорияи тарзи феълии забони тоҷикӣ ва таҳлили муқоисавии он ба забони англисӣ ба шумор меояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар замони муосир гарчанде ба таҳқиқи категорияҳои феъл дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ корҳои зиёд дар шакли алоҳида роҳандозӣ шуда бошанд ҳам, роҷеъ ба масъалаи мазкур, яъне категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ягон паэуҳиш анҷом дода нашудааст. Муаллиф кайд менамояд, ки: "то ҳол зарурати тафсири муқоисавии амиқтар ва ҳамаҷонибаи категорияи тарзи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, аз ҷумла, муаммои тарзи феълӣ дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл вуҷуд дорад, зеро ин мавзуъ ҳанӯз мавзуи омӯзиши махсус нагардидааст. Ҳамин тавр, аз сабаби ҳамаҷониба таҳқиқ нашудани категорияи тарзи феъли тоҷикӣ, зарурати амалияи тарҷума аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ва баръакс, инчунин, эҳтиёҷоти таълими забони

англисӣ ҳам дар мактаби миёна ва ҳам олӣ интихоби мавзуи кори диссертатсионии моро асоснок мекунад" (автореферат, с. 8-9).

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур, ки **"Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон гирифтааст, ба рамзи шиносномаи тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба шакли маъруза ироа гардидааст. Муҳтавои диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳар як боб ба натиҷаҳои муътамад ва хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст гардидааст. Дар умум, дар ҳар як бобу зербоб шабоҳат ва умуммияти категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Новобаста аз он, ки автореферат бо забони шевою равон навишта шуда бошад ҳам, дар он баъзе камбудиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки арои ислоҳи минбаъда ба манфиати кор мебошанд:

1. Зербоби дуюми боби якум ба масъалаи алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда бошанд ҳам, дар он диққати махсус ба категорияи тарзи забони англисӣ равона гардидааст;
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатоҳои техникӣ ва имлоиро мушоҳида кардан мумкин аст (саҳ. 8, 15, 18 ва ғ.).

Бояд тазаккур дод, ки ин камбудиҳои ҷойдошта хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқиро паст намекунанд. Довталаби дараҷаи

илмӣ воқеан, дар таҳқиқи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо истифода аз маводди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳиши арзишманд анҷом додааст, ки барои корҳои оянда заминаи мусоид фароҳам меоранд ва дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ҳамчун маводди назариявӣ ва амалӣ зарур мебошад.

Сохти ва таркиби автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** таҳти унвони **“Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в., дотсент,
мудири кафедраи назария ва типологияи
забони англисии МДТ “Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав” Олматова Шарофат Сафаралиевна

**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи А. Ҷомӣ, хонаи №4
Тел.: (+992) 007-57-58-58
E-mail: shahlojun@list.ru

Имзои Ш.С. Олматоваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода Муслиҳиддин
Маҳмараҷаб

**Суроғаи муассиса:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Тел: +992 (83222) 02-45-20; 02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru
Сомона: www.bgu.edu.tj
“14” 10 соли 2026